**AFEW-ТОҶИКИСТОН ДАСТАИ МУШОВИРОНИ БАРОБАРРО РУШД МЕДИҲАД**

# *Ба дигарон кӯмак намуда ба худам кӯмак мекунам!*



*На фото: Осим Иномджонов, равный консультант. г.Худжанд, 3 мая 2018 г. Автор фотографии: Давлятова З.*

Соли 2018 AFEW-Тоҷикистон бо мақсади васеъ намудани иштироки намояндагони гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ аз ҷумла нашъамандони тазриқӣ оид ба пешкаш намудани хизматрасониҳо ба ГОА, кӯмаки молиявӣ ва техникӣ ба панҷ ташкилотҳои ҷамъиятии хизматрасон, ки дар соҳаи ВНМО фаъолият мекунанд, расонид. Кумаки молиявӣ ва техникӣ барои барои таъсис ва дастгирӣ намудани дастаи машваратчиёни баробар аз ҷумла аз байни нашъамандони тазриқӣ ва наъамандони табобатшудаистода пешкаш карда шуд. Ин ҳикоя дар бораи таҷрибаи шахсии Осим, яке аз мушовирони баробари лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ: тандурустӣ ва ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ-2.0» мебошад.

*«Ман дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуда калон шудам. Пас аз хатми мактаб ба Донишкада дохил шудам. Соли 2001 бо мақсади барои хонадоршавиам пул коркардан ман рухсати академӣ гирифта ба Москва ба кор рафтам. Ҷои кори хуб ёфта, ман қарор кардам, ки то он, ки пули бисёр пайдо накунам ба Тоҷкистон баргашта намеравам»* - бо ин суханон Осим нақли ҳикояи худро оғоз намуд.

Дар яке аз шабнишиниҳо ба вай героин пешниҳод карданд, вай дар аввал рад кард, аммо баъд аз кунҷковӣ ва  барои нишон надодани сустиродагии худ ӯ героинро истеъмол кард. Баъд мисли дигарон, Осим ба таври мунтазам маводи нашъаро истифода мебарад.

*«Соли 2013 ман аз кор рухсатӣ гирифта ба Хуҷанд баргаштам. Дар ин ҷо падару модарам дар бораи мушкилотам фаҳмида хостанд ба ман кӯмак ррасонанд. Аммо ман кӯмаки онҳоро рад мекардам»* - нақлашро давом дод Осим.

Маводи нашъаро истифода бурда Осим дар бораи ба охир расидани муддати рухсатии худро фаромӯш кард. Аз сабаби наомадан ба кор ӯро аз кор холӣ карданд. Ба Русия баргашта, ӯ ба кори каммузд ва вазнин ба кор даромад. У истиодаи нашъаро давом медод. Дар ҷои кори нав дар бораи нашъакашии ӯ хабардор шуда ӯро боз аз кор хориҷ мекунанд.

Оси боз маҷбур шуд, ки ба Хуҷанд баргардад. Пас аз нимсол барои нигоҳ доштани маводи мухаддир Осим маҳкум карда шуд. Дар ҳамин вақт ӯ соҳиби фарзанди сеюм мешавад.

*«Дар муассисаи ислоҳӣ ман вақти зиёд доштам, то ин ки дар бораи хама чиз фикр кунам ва ба қарор оям, ки дар оянда бо чӣ кор машғул мешавам. Ҳангоме, ки ман ҷазо шудам, ман соҳиби фарзанд шудам ва мехостам ҳар чӣ зуддтар фарзандамро бинам. Ман дар ҳақиқат мехостам, ки пас аз озод шуданам ҳаёти худро тағйир диҳам, кӯдаконро калон кунам, шавҳар ва падари хуб шавам. Ман меҳоҳам, ки фарзандонам калон шуда одамони хубу батарбия шаванд».*

Пас аз озод шудан, Осим бо шиносаш вохӯрд, ки ӯ дар ташкилоти ҷамъиятии «Амали нек» дар ҳайси мушовири баробар кор мекард. Дар бораи хизматрасониҳои ин ташкилот фаҳмида, Осим мунтаззам ба ташкилоти «Амали нек» меомад ва мизоҷи барномаи «Коҳиши норасоӣ» гардид ва аз хизматрасониҳои лозимии лоиҳа истифода мебурд.

*«Бо ёрии кормандони иҷтимоии ташкилот ман аз ташхиси тиббӣ гузаштам ва доир ба ҳолати саломатиам оиди бемориҳои гепатит ва ВНМО фаҳмидам. Хамон вақт ман аввалин бор машварати мутахассиси урологро гирифтам. Чунин дастгиро ҳис намуда, ман қарор кардам, ки нашъамандиро қатъ мекунам. Ман дар якчанд омӯзҳо иштирок кардам, соҳиби кор шудам, дар ду ҷой кор мекунам. Холо ҳамаи вақти холиамро бо фарзандонам мегузаронам»* - давом медиҳад Осим.

Омӯзиши заруриро гирифта, бо дастгирии роҳбари ташкилот, Осим дар қатори панҷ мушовири баробари дигар дар ташкилот корро сар кард. Ҳоло ӯ ба дигар нашъамандон, ки барои кӯмак ба ташкилоти ҷамъиятии «Амали нек» муроҷиат мекунанд, ёрӣ мерасонад.

*«Ман хеле хурсандам, ким ан дар назди оилаи худ мебошам. Айни ҳол ба дигарон кӯмак расонида ман ба худам кӯмак мерасонам»* - дар охир мегӯяд Осим.

Маълумот: Ташкилоти ҷамъиятии «Амали нек» яке аз шарикони ташкилоти ҷамъиятии Ҷумҳуриявии «AFEW-Тоҷикистон» мебошад, ки кори мушовирони баробарро дар лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ: тандурустӣ ва ҳуқуқҳои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ-2.0», ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Нидерлания маблағгузорӣ карда мешавад, ҷорӣ мекунад.